**№776/13.3 аз 27.01.2016**

Мақомоти ҳудудии андоз

Шуъба ва бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи муқарраароти банди 5 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.08.2013, №361 «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №451» ба Шумо Фармоиши якҷояи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Оид ба индексатсияи андозаҳои пардохт барои патент» аз 19 январи соли 2016, №13 ва №1-ф, ки дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2016, №735 «б» ба қайд гирифта шудааст, барои иҷро ирсол менамояд.

Зимнан ёдрас менамоем, ки ҳаҷми маблағи андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ, ки дар асоси патент пардохта мешаванд, тибқи тартиби муқарраршуда бо назардошти сатҳи таваррум дар соли 2015, 5,1 фоиз индексатсия карда шуда, аз моҳи феврали соли 2016 мавриди амал қарор дода мешаванд.

Бинобар ин, мақомоти ҳудудии андоз, шуъба ва башхҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ вазифадор карда мешаванд, ки аз моҳи феврали соли 2016 оғоз намуда, нисбат ба соҳибкорони инфиродие, ки бо патент фаъолият менамоянд, меъёрҳои дар асоси Фармоиши муштарак тасдиқшударо бо назардошти коэффитсиентҳои минтақавӣ татбиқ намоянд.

Ҳамчунин, хотиррасон менамоем, ки минбаъд меъёри андози иҷтимоии соҳибкорони инфиродии дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда новобаста аз даромади бадастомада, набояд аз ҳадди баландтарини андози иҷтимоӣ барои патент, яъне 118 сомонӣ кам бошад. Андозаи андози иҷтимоӣ барои соҳибкорони инфиродии тариқи шаҳодатнома фаъолияткунанда дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, бо назардошти коэффитсиентҳои минтақавӣ муайян карда мешавад.

Замима дар ҳаҷми ___ варақ

Раис Н. Давлатзода

Вазорати молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «19» январи соли 2016
№ 13

Кумитаи андози назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «19» январи соли 2016
№ 1-ф

# ФАРМОИШ

«Оид ба индексатсияи андозаҳои
Пардохт барои патент»

Мутобиқи банди 5 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.08.2013, №361 «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №451»,

Ф а р м о и ш   м е д и ҳ е м:

1. Бо назардошти сатҳи таваррум дар соли 2015, ки тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2015 5,1 фоизро ташкил медиҳад, андозаҳои индексатсияшудаи пардохт барои патент (андоз аз даромад, андози иҷтимоӣ) мувофиқи намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ, ки дар асоси патент амалӣ карда мешаванд, барои соли 2016 тасдиқ карда шаванд (замима мешавад).

2. Фармоиши мазкур ҷиҳати бақайдгирии давлатӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад ва он пас аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

3. Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дар рӯзномаҳои «Ҷумҳурият» ва «Боҷу хироҷ» нашр намудани Фармоиши мазкур, инчунин ба мақомоти ҳудудии андоз ва андозсупорандагон дастрас намудани он чораҷӯӣ намояд.

4.Фармоиши якҷояи Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22.01.2015, №3-12а/1 ва №1-Ф «Оид ба индексатсияи андозаҳои пардохт барои патент», ки дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.01.2015, №735 “а” ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, аз эътибор соқит дониста шавад.

Вазири молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
____________ А. Қурбониён

Раиси Кумитаи андози назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
____________ Н. Давлатзода

Замима ба Фармоиши якҷояи
Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон
ва Раиси Кумитаи андоз назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «19» январи соли 2016, № 13 ва № 1-ф

## Номгӯи
## намудҳои фаъолияти соҳибкории инфиродие, ки дар асоси патент амалӣ карда мешаванд ва андозаҳои индексатсияшудаи пардохт

(сомонӣ дар як моҳ)

| № | Намуди фаъолият | Андоз аз даромад | Андози иҷтимоӣ | Маблағи патент |
|---|---|---|---|---|
| | Фурӯши молҳои ниёзи мардум | | | |
| 1. | Фурӯши яхмос, маҳсулоти қаннодӣ, асал, ҳама гуна шириниҳо, самбӯса, биринҷ ва меваи хушк | 105,0 | 53,0 | 158,0 |
| 2. | Фурӯши мева, аз ҷумла ситрусӣ, инчунин тарбуз, харбуза ва каду | 82,0 | 41,0 | 123,0 |
| 3. | Фурӯши сабзавоти тару тоза, турушонидашуда, маҳсулоти ширӣ, тухм, гиёҳҳои худрӯи шифобахш, донаи офтобпараст ва зира | 59,0 | 29,0 | 88,0 |
| 4. | Фурӯши нӯшокиҳои ғайриспиртӣ, квас, оби газнок, дӯғоб, чой ва ғулингоб | 70,0 | 35,0 | 105,0 |
| 5. | Фурӯши нос | 187,0 | 94,0 | 281,0 |
| 6. | Фурӯши ғайристатсионарии нон, кулча ва маҳсулоти нонӣ, фурӯши патароқи ҷуворимакка ва биринҷ | 46,0 | 24,0 | 70,0 |
| 7. | Фурӯши равған, моҳӣ (дар ҳама намуд), парранда ва ҳайвоноти хонагӣ, хӯрока ва қафасҳо барои онҳо, лавозимоти моҳигирӣ | 70,0 | 35,0 | 105,0 |
| 8. | Фурӯши қисмҳои эҳтиётии воситаҳои наклиёт ва таҷҳизоти барқӣ дар растаҳо | 140,0 | 94,0 | 234,0 |
| 9. | Фурӯши ғайристатсионарии молҳои омехтаи ниёзи мардум ва маҳсулоти хӯрока дар растаҳо, аз ҷумла: | | | |
| | - дар растаи то 1м | 46,0 | 24,0 | 70,0 |
| | - дар растаи зиёда аз 1м то 2м | 92,0 | 47,0 | 139,0 |
| | - дар растаи зиёда аз 2м то 3м | 140,0 | 70,0 | 210,0 |
| | - дар растаи зиёда аз 3м то 4 м | 164,0 | 82,0 | 246,0 |
| | - дар растаи зиёда аз 4м, вале на зиёда аз 20м (барои ҳар 1м зиёда аз 4м) | 24,0 | 12,0 | 36,0 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 10. | Фурӯши молҳои омехта дар нуқтаҳо ва биноҳои алоҳидаи статсионарии то 8м² (бидуни тақсимоти дохили биноҳои калон ба якчанд нуқтаҳои савдо): | | | |
| | - шаҳри Душанбе | 233,0 | 118,0 | 351,0 |
| | - шаҳрҳои Хуҷанд, Қӯрғонтеппа ва Кӯлоб | 187,0 | 94,0 | 281,0 |
| | - марказҳои маъмурии шаҳру ноҳияҳо | 118,0 | 59,0 | 177,0 |
| | - берун аз марказҳои маъмурии шаҳру ноҳияҳо | 92,0 | 47,0 | 139,0 |
| 11. | Фурӯши маҳсулоти ҳунарҳои бадеии халқӣ, маҳсулоти бофташуда (пашмӣ, намадӣ, пахтагӣ, абрешимӣ), гулдӯзӣ, зардӯзӣ, сандуқсозӣ, гаҳворасозӣ, зарфҳои чӯбини миллӣ ва маҳсулоти ба онҳо монанд, маҳсулоти кулолӣ, танӯрсозӣ, асбобҳои мусиқӣ, сарпӯш ва маҳсулоти мӯина | 70,0 | 35,0 | 105,0 |
| 12. | Фурӯши маҳсулоти канселярӣ ва бозичаҳои кӯдакона, фурӯши рӯзномаҳо, маҷаллаҳо, тақвимҳо ва китобҳо дар кӯча, фурӯши молҳои қаблан дар истеъмолбуда | 70,0 | 35,0 | 105,0 |
| 13. | Фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ:<br>- дар растаи то 2м | 70,0 | 35,0 | 105,0 |
| | - дар растаи аз 2м то 4м | 92,0 | 47,0 | 139,0 |
| 14. | Фурӯши ангишт ва ҳезум (ғайристатсионарӣ) | 70,0 | 35,0 | 105,0 |
| 15. | Омода кардан ва (ё) фурӯши таомҳо бе ҷои нишаст ва берун аз биноҳои статсионарӣ | 46,0 | 24,0 | 70,0 |
| 16. | Фурӯши гулҳои тару тоза | 187,0 | 94,0 | 281,0 |
| 17. | Фурӯши маҳсулот аз пластмасса, гулҳои сунъӣ, маҳсулот аз полиэтилен ва коғаз | 59,0 | 29,0 | 88,0 |
| | Хизматрасонии нақлиётӣ | | | |
| 18. | Кашонидани мусофирон ба воситаи нақлиёти автомобилии сабукрав | 70,0 | 35,0 | 105,0 |
| 19. | Кашонидани мусофирон ба воситаи микроавтобусҳо | 118,0 | 59,0 | 177,0 |
| 20. | Кашонидани мусофирон ба воситаи автобусҳо | 92,0 | 47,0 | 139,0 |
| 21. | Кашонидани борҳои гуногун ба воситаи нақлиёти автомобилии борбардориаш то 3 тонна ва эвакуаторҳо | 92,0 | 47,0 | 139,0 |
| 22. | Кашонидани борҳои гуногун ба воситаи нақлиёти автомобилии борбардориаш аз | 118,0 | 59,0 | 177,0 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | 3 то 5 тонна | | | |
| 23. | Кашонидани борҳои гуногун ба воситаи нақлиёти автомобилии борбардориаш аз 5 то 20 тонна | 187,0 | 94,0 | 281,0 |
| 24. | Кашонидани борҳои гуногун ба воситаи нақлиёти автомобилии борбардориаш зиёда аз 20 тонна | 585,0 | 118,0 | 703,0 |
| 25. | Кашонидани маҳсулоти нафтӣ, гази моеъ, семент ва бетон ба воситаи нақлиёти махсусгардонидашуда | 233,0 | 118,0 | 351,0 |
| 26. | Кашонидани борҳо бо трактор | 46,0 | 24,0 | 70,0 |
| 27. | Кашонидани борҳо ба воситаи мотороллерҳо | 28,0 | 14,0 | 42,0 |
| Дигар намуди хизматрасонӣ | | | | |
| 28. | Шудгор ва коркарди замин бо техникаи кишоварзӣ | 118,0 | 59,0 | 177,0 |
| 29. | Кӯфтан ва ҷамъоварии зироатҳои ғалладона бо техникаи кишоварзӣ ва хизматрасониҳои осиёбӣ | 70,0 | 35,0 | 105,0 |
| 30. | Сурудхонӣ дар ҷашну маъракаҳо | 515,0 | 118,0 | 633,0 |
| 31. | Ба иҷора додани либоси тӯёна (ба истиснои шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Қӯрғонтеппа ва Кӯлоб) | 421,0 | 94,0 | 515,0 |
| 32. | Навозандагӣ, раққосӣ ва барандагӣ дар ҷашну маъракаҳо | 92,0 | 47,0 | 139,0 |
| 33. | Истифодаи таҷҳизоти радио, телевизион ва таҷҳизоти дигар барои ороишоти макони баргузории ҷашну маъракаҳо | 140,0 | 70,0 | 210,0 |
| 34. | Банаворгирии ҷашну маъракаҳо ва истифодаи нақлиёти махсуси автомобилӣ дар базмҳои арӯсӣ | 70,0 | 35,0 | 105,0 |
| 35. | Хизматрасониҳои сантехникӣ, электрикӣ, суратгирии берун аз бино, фаъолияти дӯзандагӣ, косметикӣ, сартарошӣ, хизматрасониҳои таълимӣ-репетиторӣ. Баркдиҳии аккумуляторҳо, дӯхтани ҷилдҳо барои воситаҳои нақлиёт | 92,0 | 47,0 | 139,0 |
| 36. | Таъмир, вулканизатсия ва шустушӯи воситаҳои нақлиёт дар ҷойҳои махсусгардонидашуда, нусхагирӣ, таъмири асбобҳои мусиқӣ, корҳои оҳангарии асбобҳои рӯзғор (ба истисноиистеҳсоли дарвоза, тиреза ва панҷара) | 187,0 | 94,0 | 281,0 |
| 37. | Чаронидани чорво | 35,0 | 18,0 | 53,0 |
| 38. | Таъмир ва тоза намудани пойафзол берун аз бинои статсионарӣ, хизмати | 47,0 | 24,0 | 71,0 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | миёнаравӣ дар бозор (даллолӣ), бахия кардани маҳсулоти қолинӣ, хизматрасонии тарозу, тез кардани корду асбобҳо, телефони кӯчагӣ, тайёр намудани калидҳо | | | |
| 39. | Хизматрасонӣ оид ба иҷрои корҳо дар хонаҳо. Нигоҳубини пиронсолон, беморон ва кӯдакон | 35,0 | 18,0 | 53,0 |
| 40. | Муқовакунии ҳуҷҷатҳо | 47,0 | 24,0 | 71,0 |
| 41. | Хизматрасонии боркашонҳо дар фурудгоҳи ҳавоӣ, истгоҳи роҳи оҳан ва терминал | 37,0 | 19,0 | 56,0 |
| 42. | Ҳоҷатхонаи ҷамъиятии музднок (пулакӣ) | 140,0 | 71,0 | 211,0 |
| 43. | Хизматрасонӣ оид ба мубодилаи асъор дар нуқтаҳои махсусгардонидашудаи статсионарӣ | 410,0 | 118,0 | 528,0 |
| 44. | Хизматрасонии экскаватор ва кранҳои борбардор | 233,0 | 118,0 | 351,0 |
| 45. | Таъмири маҳсулоти ҷавоҳирот | 140,0 | 71,0 | 211,0 |
| 46. | Корҳои ҳаккокӣ, кандакорӣ, таъмири соат, телефон, зарф ва техникаи маишӣ | 70,0 | 35,0 | 105,0 |
| 47. | Корҳои сохтмонию таъмирӣ дар объектҳои шахсони воқеӣ | 92,0 | 47,0 | 139,0 |
| 48. | Фаъолияти байторӣ | 92,0 | 47,0 | 139,0 |
| 49. | Омӯзиши ҳунарҳои миллӣ (дӯзандагӣ, бофандагӣ, риштабофӣ, газворбофӣ, дуредгарӣ, кандакорӣ, рассомӣ, рангуборкунӣ, наққошӣ | 70,0 | 35,0 | 105,0 |